Қарори
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№26

аз 29 декабри соли 2025 шаҳри Душанбе

Оид ба хусусияти татбиқи қонунгузорӣ марбут ба ҷиноятҳои ноболиғон ва чораҳои таъсиррасонии алтернативӣ нисбат ба онҳо

Бо мақсади татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои қонунгузории моддӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

қарор кард:

1. Бинобар хусусияти хос доштани пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон ва татбиқи чораҳои таъсиррасонии алтернативӣ нисбат ба онҳо, ба суд, судяҳо ва мақомоти тафтиши пешакӣ зарур аст, ки тартиби муқаррарнамудаи қонунгузориро оид ба тафтиш ва баррасии чунин парвандаҳо қатъиян риоя намоянд.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми тафтиш ва баррасии чунин парвандаҳо дар баробари риоя намудани қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин меъёрҳои Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (1989), Протоколҳои иловагӣ ба Конвенсияи мазкур, ки ба дахолати иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона ва ба хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон дахл доранд (2000) ва дигар санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба инобат гирифта шаванд.

Агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) тартиби дигар пешбинӣ гардида бошад, дар ин маврид мутобиқи қисми 3 моддаи 1 КМҶ бояд талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ татбиқ карда шаванд.

3. Адолати судӣ нисбат ба ноболиғон бояд ба он равона карда шавад, ки чораҳои таъсиррасонии ба онҳо татбиқшаванда муносибати инфиродиро ҷиҳати таҳқиқи ҳолатҳои кирдори содиршуда таъмин намуда, ҳам ба хусусиятҳои шахсияти онҳо ва ҳам ба ҳолатҳои кирдори содиршуда мувофиқ бошанд ва барои пешгирӣ намудани ҳаракатҳои экстремистӣ ва ҷиноятҳои ноболиғон, ба тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо мусоидат намуда, ҳамзамон ҳифзи манфиатҳои қонунии ҷабрдидагонро таъмин намоянд.

Дар раванди тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон ба он диққат дода шавад, ки кӯдак таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор дошта, муносибати хайрхоҳонаро новобаста аз ҷинояти содирнамуда талаб менамояд.

Ҳамзамон, қатъи назар аз аломатҳои нажод, ранги пӯст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ва (ё) этникӣ, маъюбият, вазъи саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ва асосҳои дигар, ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак бе роҳ додан ба табъиз ва (ё) стигма (тамға) бояд таъмин карда шаванд.

Ба ғайр аз ин, ҳангоми нисбат ба ноболиғ қабул кардани қарор бояд принсипи ҳуқуқ ба ҳаёт ва инкишоф ба роҳбарӣ гирифта, ақидаи ноболиғ оид ба масъалаҳои ба ӯ дахлдошта ба назар гирифта шаванд.

4. Мутобиқи Қоидаҳои Пекин аз соли 1985 ҳуқуқ ба махфӣ будани иттилоот дар бораи гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшавандаи ноболиғ бо мақсади пешгирӣ намудани расонидани зарар ба ноболиғ ва ба шаъну эътибори ӯ бояд дар ҳама марҳилаҳои мурофиа таъмин карда шавад.

Аз ин рӯ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 273 КМҶ муҳокимаи пӯшидаи судӣ бо таъиноти асосноки суд (қарори судя) оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсони ба синни шонздаҳ нарасида, мумкин аст гузаронида шавад.

Ҳангоми дар муҳокимаи судӣ таҳқиқ намудани ҳолатҳое, ки ба судшавандаи ноболиғ таъсири манфӣ расонида метавонанд, суд бо дархости ҳимоятгар ё намояндаи қонунӣ ё пешниҳоди прокурор, инчунин бо ташаббуси худ, бо ба инобат гирифтани ақидаи тарафҳо ҳуқуқ дорад ӯро аз толори маҷлиси суд берун намояд. Баъди ба толори маҷлиси суд баргашта овардани ноболиғ суд уҳдадор аст ба ноболиғ имконият фароҳам оварад, ки ба шахсони дар ғоибии ӯ пурсидашуда саволҳо диҳад (моддаи 434 КМҶ).

Ба судҳо зарур аст, ки ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва маводҳои судӣ нисбат ба ноболиғон иштироки намояндагони воситаҳои ахбори омма, ҳамчунин истифодаи навори фото ва видеоиро дар толори маҷлиси суд роҳ надиҳанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ноболиғ ва намояндаи қонунии ӯ дар ин хусус дархост намудаанд.

Бояд дар назар дошт, ки мутобиқи талаботи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» воситаҳои ахбори омма ва журналист ҳуқуқ надоранд бе розигии ноболиғ ва намояндаи қонунии вай хабареро интишор кунанд, ки боиси зикри шахсияти ноболиғи қонунвайронкунанда гардад.

Дар робита ба ин бояд қайд намуд, ки мутобиқи зербанди сеюми қисми 5 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» дастрасӣ ба санадҳои судие, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғон дахл доранд, маҳдуд мебошад.

5. Парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон бояд аз ҷониби раиси суд, муовинони ӯ ва ё судяҳои ботаҷриба баррасӣ гардида, риояи талаботи қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ таъмин карда шавад.

6. Суд, судяҳо бояд асоснокии татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтани ноболиғонро ҳангоми таъин намудани мурофиаи судӣ санҷида, дар сурати дар давраи тафтиши пешакӣ риоя нагардидани талаботи моддаи 427 КМҶ чораи пешгириро дар намуди ба ҳабс гирифтан тағйир диҳанд ё бекор намоянд.

Бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси парванда, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, шахсияти ноболиғ, шароити иҷтимоӣ, тарзи зист, муносибат бо падару модар, суд метавонад дар асоси моддаи 108 КМҶ ҳамчун чораи пешгирӣ ӯро таҳти парастории падару модар, парасторон, васиён ё дигар шахсони сазовори эътимод, инчунин намояндагони муассисаҳои махсуси кӯдакон супорад.

7. Ҳуқуқ ба ҳимоя, ки дар моддаи 22 КМҶ ба сифати принсипи мурофиаи судии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, инчунин, ҳуқуқ ба кафолатҳои иловагии мурофиавии барои ноболиғон пешбинигардида бояд дар ҳамаи марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшудаи ноболиғ таъмин карда шавад.

Иштироки ҳимоятгар аз лаҳзаи воқеан дастгир кардани ноболиғ ё ба ҳабс гирифтани ноболиғ ё аз лаҳзаи пурсиши аввал ба сифати гумонбаршуда ё айбдоршаванда таъмин карда мешавад.

Таҳти мафҳуми дастгиркунии воқеӣ – лаҳзаи воқеан маҳдуд кардани озодии шахс, аз ҷумла имконияти озодона ҳаракат намудан, маҷбуран дар ҷойи муайян нигоҳ доштан ё овардан ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё мамониат кардан ба анҷом додани дигар ҳаракатҳои шахс тибқи иродаи худ новобаста ба расман додани ягон мақоми мурофиавӣ ба шахси дастгиршуда ё иҷро намудани дигар расмиёти муқарраршуда, фаҳмида мешавад.

8. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи моддаи 430 КМҶ ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё судшавандае, ки ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст, ҳамчунин ба ин синну сол расидаасту ноқисулақл дониста шудааст, иштироки омӯзгор ва равоншинос ҳатмӣ мебошад. Ба омӯзгор ва равоншинос ҳуқуқҳояшон пеш аз пурсиши ноболиғ фаҳмонида мешавад.

Нишондоди чунин гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшавандае, ки бе иштироки омӯзгор ё равоншинос гирифта шудааст, дар асоси қисми 1 моддаи $88^{1}$ КМҶ далели ғайри қобили қабул ҳисобида мешавад.

9. Бо қарори муфаттиш аз лаҳзаи пурсиши аввалини гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ намояндаи қонунии ӯ роҳ дода, ба намоянда ҳуқуқҳои дар қисми 2 моддаи 431 КМҶ пешбинигардида фаҳмонда мешавад.

Ба маҷлиси судӣ ба сифати намояндагони қонунӣ шахсони дар сархати 10

моддаи 6 КМҶ нишон додашуда даъват карда мешаванд ва онҳо аз ҳуқуқҳои дар моддаи 433 КМҶ пешбинишуда истифода мебаранд. Ҳуқуқҳои онҳо дар қисми тайёрии мурофиаи судӣ фаҳмонда дода шуда, намояндагони қонунӣ дар тамоми мурофиаи суд бояд ҳозир бошанд.

Агар асосҳое мавҷуд бошанд, ки амалҳои намояндаи қонунӣ метавонад ба манфиатҳои ноболиғ зарар расонанд, суд ҳуқуқ дорад ӯро аз иштирок дар мурофиаи судӣ дур намояд. Дар чунин ҳолат барои иштирок дар парванда намояндаи қонунии дигар аз ҳисоби шахсоне, ки дар сархати 10 моддаи 6 КМҶ нишон дода шудаанд, ҷалб карда мешавад.

Ба амалҳое, ки ба манфиатҳои ноболиғ зарар мерасонанд, иҷро накардани ӯҳдадориҳои аз мақоми намояндаи қонунӣ бармеомада, аз ҷумла оид ба тарбияи ноболиғ ё саркашӣ кардан аз иштирок дар парванда ба сифати намояндаи қонунӣ, ҳамзамон сӯиистифода аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ ва ҳуқуқҳои дигар, таъсиррасонии манфӣ ба ноболиғ, монеа эҷод кардан барои муайян намудани ҳолатҳое, ки ба парванда аҳамият доранд, мансуб дониста мешаванд.

10. Суд дар бораи ба сифати шоҳид пурсидани намояндаи қонунии ноболиғ дар сурати розӣ будани ӯ таъинот қабул намуда, ҳуқуқҳои ӯро оид ба он ки ҳеҷ кас ӯҳдадор нест ба муқобили худ ва хешовандони наздикаш нишондод диҳад, мефаҳмонад (қисми 5 моддаи 12 КМҶ). Ҳангоми пурсиши намояндагони қонунӣ аз ҳисоби шахсони дар сархати 26 моддаи 6 КМҶ номбаршуда, номбурдагон танҳо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста нишондоди бардурӯғ додан огоҳ карда мешаванд.

11. Муайян кардани шароити зиндагӣ ва таълиму тарбияи ноболиғ барои муқаррар намудани сабабҳои ба содиршавии ҷиноят мусоидаткунанда, баҳои ҳуқуқӣ додан ба шахсияти ӯ, ташаккулёбии рафтори ҷиноятӣ, ҳалли масъалаи интихоби чораи мушаххаси пешгирӣ, роҳҳои ислоҳ, тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғ зарур мебошад.

Барои пурра муайян намудани шароити зиндагӣ ва тарбияи ноболиғ, дар баробари талаб кардани хислатнома аз муассисаи таълимӣ, ҷойи кор ва истиқомат зарур аст, ки падару модар, ҳамсояҳо, омӯзгорон дар бораи муҳити маънавии оила, вазъи моддӣ, атрофиён, шиносоӣ, робитаҳои ноболиғ ва ғайраҳо пурсида шаванд.

12. Ҳангоми ҳалли масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъин намудани ҷазо нисбат ба ноболиғон ба судҳо зарур аст, ки талаботи кодексҳои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятиро вобаста ба хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии онҳо ба роҳбарӣ гирифта, муқаррароти дахлдори меъёрҳои санадҳои байналмилалиро низ ба инобат гиранд.

Дар робита ба ин ба суд, судя ва мақомоти таъқиби ҷиноятӣ лозим аст, ки дар ҳар як ҳолат аввалан масъалаи имконияти татбиқи муқаррароти моддаҳои 72-75 КҶ (бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор, оштӣ шудан бо ҷабрдида, тағйир ёфтани вазъият, гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан) ва моддаҳои 27-28 КМҶ дар бораи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор диҳанд.

13. Ҳангоми бо асосҳои дар моддаи 89 КҶ пешбинишуда қатъ намудани пешбурди парванда судҳоро зарур аст, ки ба ноболиғ ва намояндаи ӯ талаботи қисми 4 ҳамин модда фаҳмонида шавад, ки дар ҳолати мунтазам аз чораи маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта саркашӣ намудани ноболиғ, он бекор карда шуда, мавод барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ ба мақомоти дахлдор фиристода мешавад. Ҳолати мазкур бояд дар протоколи маҷлиси судӣ инъикос гардад.

Таҳти мафҳуми мунтазам аз ҷониби ноболиғ иҷро накардани чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта бояд якчандкарата (зиёда аз ду маротиба) дар муҳлати таъиннамудаи суд риоя накардани чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта (масалан, маҳдуд кардани фароғат, муқаррар намудани талаботи махсус ба рафтори ӯ), ки бо тартиби муайяншуда аз ҷониби мақомоти махсуси ба рафтори ноболиғ назоратбаранда ба қайд гирифта шудааст, фаҳмида шавад.

14. Дар қисми 1 моддаи 87 КҶ намудҳои ҷазое, ки нисбат ба ноболиғон таъин карда мешаванд, пешбинӣ гардида, номгӯи онҳо истисноӣ мебошад. Бинобар ин, ҷазо барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар синни ноболиғӣ содир шудаанд, бояд дар доира ва муҳлатҳои муқаррарнамудаи моддаи 87 КҶ таъин карда шавад.

15. Ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ нисбат ба ноболиғ танҳо дар ҳолате таъин мегардад, ки агар ислоҳ шудани ӯ бе ҷудо кардан аз ҷамъият имконнопазир бошад. Дар сурати таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ суд вазифадор аст, ки дар ҳукм хулосаи худро дар ин хусус асоснок намояд.

Мафҳуми бори аввал содир намудани ҷиноят маънои онро дорад, ки ноболиғ қаблан ҷиноят содир накардааст ё ҷиноят содир кардаасту бинобар пушаймонӣ аз кирдор, оштӣ шудан бо ҷабрдида, тағйир ёфтани вазъият, гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудааст, муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ гузаштааст, бо татбиқи санади авф нисбаташ аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад ё аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудаст, тибқи муқаррароти қонун доғи судиаш бардошта ё барҳам хӯрдааст.

Агар суд ба хулоса ояд, ки ба ноболиғ ҷазои сабуктари дар санксияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ пешбининагардида бояд таъин гардад, дар ин ҳолат масъала танҳо бо татбиқи моддаи 87 КҶ ҳал карда шуда, татбиқ намудани моддаи 63 КҶ зарур намебошад.

16. Ба судҳо зарур аст, ки зимни ба ноболиғон таъин кардани ҷазо бо татбиқи моддаи 71 КҶ масъалаи ба зиммаи маҳкумшуда гузоштани вазифаҳои муайянро, ки дар қисми 5 моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, ҳал намоянд.

Давомнокии муҳлати санҷишӣ ва вазифаҳои ба зиммаи маҳкумшудаи ноболиғ гузошташаванда бояд барои ноил шудан ба мақсади ҷазо, яъне ислоҳшавӣ, тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ӯ равона гарданд. Дар ин маврид ба маҳдудкунии ҳуқуқҳои ноболиғ, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудаанд, бояд роҳ дода нашавад.

17. Суд дар доираи муқаррароти қисми 1 моддаи 437 КМҶ масъалаи дар муассисаи махсуси тарбиявӣ ё табобатӣ-тарбиявӣ ҷойгир кардани маҳкумшудаи ноболиғро метавонад танҳо дар ҳолати мавҷуд будани хулосаи тиббӣ оид ба имконпазирии дар муассисаи мазкур нигоҳ доштани ӯ ҳал намояд. Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки ба муассисаи махсуси тарбиявӣ ё табобатӣ-тарбиявӣ маҳкумшудагони ноболиғе ҷойгир карда мешаванд, ки ба шароити махсуси тарбия, таълим ниёз доранд ва нисбат ба онҳо муносибати махсуси педагогӣ тақозо мегардад.

Мӯҳлати дар муассисаҳои зикргардида нигоҳ доштан набояд аз мӯҳлати ҳадди болоии ҷазо, ки КҶ барои ҷинояти содиркардаи ноболиғ пешбинӣ кардааст, зиёд бошад.

18. Ба судҳо дастур дода шавад, ки мунтазам амалияи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон ва татбиқи чораҳои алтернативии таъсиррасониро нисбати онҳо омӯхта, ҷамъбаст намоянд. Дар сурати ҷой доштани асосҳо ба унвони ташкилоти дахлдор ва шахсони мансабдор барои андешидани тадбирҳо ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои ноболиғон пешниҳод ирсол намоянд.

Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Мирзозода Р.П.

Котиби Пленум,
судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Холиқмуродзода Д.А.